# НИЗОМНОМА
## оиди Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба варзиши сайёҳӣ аз намудҳои “масофа-роҳнавардӣ”, “масофа-вело” ва “роҳгардии сайёҳӣ” дар доираи Форуми байналмилалӣ “Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд”

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе, с.2025**

## I. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба варзиши сайёҳӣ аз намудҳои “масофа-роҳнавардӣ”, “масофа-вело” ва “роҳгардии сайёҳӣ” дар доираи Форуми байналмилалӣ “Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд” (минбаъд – Мусобиқа) мувофиқи нақшаи стратегии чорабиниҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани барномаҳои рушди ояндаи  варзиши сайёҳӣ ва ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ гузаронида мешавад.

Мақсади мусобиқа аз инҳо иборат аст:

- оммавигардонии варзиши сайёҳӣ ва тарзи ҳаёти солим байни варзишгарони давлатҳои иштирокчии Форуми байналмилалӣ;
- рушди шарикии байналмилалӣ бо давлатҳои дуру наздики ховар;
- вусъат додани алоқаҳои варзишии варзишгарони ҷавон;
- муаян намудани варзишгарон ва дастаҳои беҳтарин;
- муаян намудани дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба варзиши сайёҳӣ байни ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ.

## II. МАКОН ВА БАРГУЗОРИИ МУСОБИҚА

Мусобиқа аз 14 то 18 - уми апрели соли 2026 гузаронида мешавад.

Макони баргузорӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, боғи “Ғалаба”.

Ҷои Мусобиқа алоҳида ҷудо карда шудааст, баъди имзо шудани Низомномаи асосӣ ва эълон гардидан дар васоити ахбори омма аз саршавии

Мусобиқа то охири он ғайр аз иштирокчиён ва мухлисони Мусобиқа-и мазкур барои тамрин ва гузаронидани чорабиниҳои дигар манъ аст.

## III. РОҲБАРИИ УМУМИИ МУСОБИҚА

Роҳбарии умумӣ оид ба баргузории Мусобиқаро Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи байналмилалии варзиши сайёҳӣ (минбаъд - ФБВС), Федератсияи варзиши сайёҳии Тоҷикистон (минбаъд – ФВСТ) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (минбаъд – ДБССТ) ба ӯҳда доранд.

Баргузории мустақими Мусобиқа ба зиммаи ФВСТ ва ҳайати асосии доварон, ки мувофиқи тартиби муқараршуда тасдиқ шудаанд, вогузор карда мешавад.

## IV. ШАРТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МУСОБИҚА ВА ИШТИРОКЧИЁН

Барои иштирок дар намудҳои Мусобиқа иҷозат дода мешавад:

- Дастаҳои варзишии донишҷуёни Донишгоҳҳои иштирокчии Форуми байналмилалӣ.
- сину соли иштирокчиён бояд аз 18 сола то 25 сола бошад.
- ҳайати дастаҳо дар ҳар як намуди варзишӣ (роҳнавардӣ, вело ва роҳгардӣ) аз ҳар як давлат бояд 4 нафарӣ (2мард+2зан) дар умум 14 нафар бошад: 1 роҳбар, 1 мураббӣ ва 12 варзишгар (6 мард, 6 зан).
- ҳамаи иштирокчиёни Мусобиқа бояд шаҳодатномаи тиббии эътиборнок, ки аз ҷониби ташкилоти тиббии ваколатдор дода шудааст ва суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ аз садама дошта бошанд.
- Мусобиқа мувофиқи қоидаҳои варзиши “сайёҳии варзишӣ”, ки бо қарори Шурои ФБВС аз 1 марти соли 2024 тасдиқ шудааст (минбаъд Қоидаҳо номида мешаванд) баргузор мешавад.

**а) Ҳайати гуруҳ, тартиб ва иштирок дар намуди “масофа-роҳнавардӣ”: 4 варзишгар (2 мард, 2 зан):**

| Низоми варзишӣ | Ҳайати варзишгарон | Шумораи варзишгарон |
|---|---|---|
| Масофа–роҳнавардӣ инфиродӣ | мардҳо<br>занҳо | 2<br>2 |
| Масофа–роҳнавардии эстафетӣ | 2 мард<br>2 зан | 2<br>2 |
| Масофа–роҳнавардии гуруҳӣ | 2 мард ва 2 зан | 4 |

**б) Ҳайати гуруҳ, тартиб ва иштирок дар намуди “масофа-вело”: 4 варзишгар (2 мард, 2 зан):**

| Низоми варзишӣ | Ҳайати варзишгарон | Шумораи варзишгарон |
|---|---|---|
| Масофа–вело инфиродӣ | мардҳо<br>занҳо | 2<br>2 |
| Масофа–вело эстафетӣ | 2 мард<br>2 зан | 2<br>2 |

**в) Ҳайати гуруҳ, тартиб ва иштирок дар намуди “роҳгардии сайёҳӣ”: 12 варзишгар аз ҳисоби ҳайатҳои иштирокчии мусобиқа ( 6мард + 6зан)**

| Низоми варзишӣ | Ҳайати варзишгарон | Шумораи варзишгарон |
|---|---|---|
| роҳгардии сайёҳӣ инфиродӣ | мардҳо<br>занҳо | 6<br>6 |
| роҳгардии сайёҳӣ гуруҳӣ | 2 мард ва 2 зан | 4 |

**г) Ҳайати гуруҳ, тартиб ва иштирок дар озмуни “сайёҳии маърифатӣ ва фарҳангӣ”: 12 нафар аз ҳисоби ҳайатҳои иштирокчии мусобиқа ( 6мард + 6зан)**

| Низоми озмун | Ҳайати иштирокчиён | Шумораи иштирокчиён |
|---|---|---|
| Бехтарин донандаи Чӣ?Дар куҷо?Кай? | мард +<br>зан | 6<br>6 |
| Беҳтарин суруди муалифӣ - даставӣ | мард+<br>зан | 6<br>6 |

## V. ХУЛОСАИ НАТИҶАҲО

Тартиби муаян кардани ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқа дар ҳар як намуд мувофиқи моддаи 14. “Принсипҳои асосии муаян кардани натиҷаҳо”- и Қоидаҳои варзиши сайёҳӣ муаян карда мешавад.

Мавқеъи ниҳоӣ байни дастаҳои миллии давлатҳои иштирокчии мусобиқа дар асоси натиҷаҳои варзишгарони ҳайати миллӣ дар ҳама чорабинӣ муаян карда мешавад.

## VI. БАРНОМАИ МУСОБИҚА

14 апрел 08:00- комиссияи қабули варзишгарон
10:00- маросими ифтитоҳи Форуми байналмилалӣ
13:00 ҷалласаи намоиши мусобиқа дар манитор

| | | |
|---|---|---|
| | 17:00 | чорабинии фарҳангии “Шоми дустӣ” |
| 15 апрел | 08:00 | комисияи корӣ оиди қабул ва иҷозати дастаҳо |
| | 09:00 | кушодашавии мусобиқа |
| | 16:00 | озмуни беҳтарин донандаи “Чӣ? Дар куҷо? Кай?” |
| | 18:00 | ҷаласа ҳайати доварон бо намояндагони дастаҳо ва семинари роҳнамоии доварон |
| 16 апрел | 08:00 | роҳгардийӣ сайёҳӣ – инфиродӣ (марду зан) |
| | | роҳгардийӣ сайёҳӣ – гуруҳӣ (мард+ зан) |
| | 13:00 | масофа – велосайёҳӣ инфиродӣ (мард+ зан) |
| | 16:00 | масофа – велосайёҳӣ эстафета (марду зан) |
| | 18:00 | озмуни беҳтарин сурудҳои муалифӣ |
| 17 апрел | 08:00 | масофа – роҳнавардӣ- инфиродӣ (мард+ зан) |
| | 13:00 | масофа – роҳнавардӣ- эстафета (марду зан) |
| | 18:00 | озмуни беҳтарин сурудҳои муалифӣ |
| 18 апрел | 08:00 | масофа – роҳнавардӣ- гуруҳӣ (марду зан) |

14:00 тантанавор пушидашавӣ ва ҷоизасупории мусобиқа

## VII. МУКОФОТОНИДАН

Иштирокчиёни намудҳои Мусобиқа, ки ҷойҳои 1, 2, 3 – юмро ишғол мекунанд, бо медалҳо, дипломҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Натиҷаҳои ниҳоӣ (протоколҳои бозӣ) ва гузоришҳо барои дар сайти ФБВС нашр намудан коғазӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

## VIII. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ МУСОБИҚА

Хароҷоти марбут ба иштироки даста дар мусобиқа аз ҷумла омаду рафти сафар, бағоҷ ва таҷҳизотҳои варзишӣ аз ҷониби ташкилотҳои фиристанда пардохт карда мешавад.

Хароҷоти марбут ба баргузории мусобиқа ва ташкили мусобиқа, аз ҷумла сафар ва хуроки доварон, макони зист, иҷораи таҷҳизоти доварон, ҷоизаҳо, амният ва ғайра аз ҷониби ташкилотҳои мизбон пардохт карда мешавад.

Хароҷотҳои молиявӣ, ки бо тайёрӣ ва гузаронидани мусобиқа алоқаманд аст (хаққи хизматрасонии доварон, макони баргузории мусобиқа, таҷҳизотҳои варзишӣ ва хариди ҷому медалҳо, диплому ифтихорномаҳо) ба зиммаи Федератсияи варзиши сайёҳии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.

Ташкилкунандагон ҳуқуқ доранд, ки хароҷоти иловагии марбут ба ташкили мусобиқаро бо истифода аз маблағҳои аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ ҷамъовардашуда муқарар кунанд.

## IX. ТАЪМИНОТИ БЕХАТАРӢ

Роҳбарони дастаҳо барои бехатарӣ ва некӯаҳволии иштирокчиён дар рӯзҳои сафар ва мусобиқа масъуланд. Ҳамаи аъзоёни даста бояд аз садамаҳо суғурта карда шаванд.

Намояндагони ҳайатҳо ва худи иштирокчиён масъуланд, ки тамрини иштирокчиён ба талаботи масирҳои мусобиқа мувофиқат кунад.

Ташкилкунандагони мусобиқа барои бехатарии масирҳои мусобиқа ва таҷҳизоти бехатарии истифодашудаи доварон масъуланд.

Ташкилотҳои фиристанда ва намояндагони дастаҳо масъуланд, ки мутобиқати таҷҳизоти шахсӣ ва гурӯҳии истифодашуда ба талаботи бехатариро таъмин кунанд.

Машқҳои расмӣ дар вақтҳои муқарраркардаи ташкилкунандагони мусобиқа баргузор мешаванд. Ҳамаи иштирокчиён бояд ҳангоми машқҳо ва дар давоми мусобиқа таҷҳизоти махсус (кулоҳ ва ғайра) пӯшанд ва таҳти назорати мураббӣ қарор гиранд.

## X. СУҒУРТАИ ИШТИРОКЧӢ

Иштирок дар Мусобиқа танҳо бо мавҷуд будани полиси аслии суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ аз садамаҳо, ки бояд барои ҳар як иштирокчӣ ба Комисияи қабули иштирокчиён пешниҳод карда шавад, иҷозат дода мешавад.

Суғуртаи иштирокчиёни хориҷӣ аз ҷониби ташкилотҳои фиристодашаванда таъмин карда мешавад.

## XI. ПЕШНИҲОДИ ДАРХОСТҲО БАРОИ ИШТИРОК

Дархост барои иштироки даста дар Мусобиқа дар намуди пешниҳодшуда, инчунин шиносномаҳои ҳайати даста пешниҳод карда мешаванд.

Дархостҳоро то саршавии Мусобиқа 20- уми марти 2026 ва бо суроғаи электронии: bmd72@mail.ru равон карда шавад. Маълумотҳои иловагиро метавонед бо рақамҳои +992 918 515 918 пурсон шавед.

**ИН НИЗОМНОМА БАЪДИ ТАСДИҚ ГАРДИДАНАШ ДАЪВАТИ РАСМИИ МУСОБИҚАРО ДОРАД**